# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Бегназаров Давлатманд Бобошоевич дар мавзӯи "Маҳсулнокии чормағзи заминӣ дар кишти ангорӣ вобаста аз муҳлати кишт ва зичии ниҳолҳо дар шароити Тоҷикистони Марказӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.01 – зироаткории умумӣ, растанипарварӣ

Чормағзи заминӣ [Arachis hypogaea] зироати яксолаи лӯбёгӣ буда, асосан барои дони серавғанаш парвариш карда мешавад. Вобаста ба навъҳо, шароити иқлимию хокӣ ва технологияи парвариш дар таркиби донаш аз 45 то 50 % равған ва 25 – 35 % сафеда мавҷуд аст. Ғайр аз ин, чормағзи заминӣ аз моддаҳои маъдании Ca, Mg, P, K, Fe бой буда, аз витаминҳои гуруҳи Е, К ва В иборат мебошад.

Тадқиқотҳо дар асоси нақшаи барномаҳои корҳои илмию таҳқиқотии шӯъбаи зироатҳои равғандиҳандаи Институти зироаткории АИКТ: "Офаридан ва коркарди технологияи парвариши навъҳои нави зироатҳои равғандиҳандаи сермаҳсули ба хушки тобовар ва гузаронидани зинаи аввали тухмипарварӣ" (рақами қайди давлатӣ 0102 ТД 887, муҳлати иҷрои солҳои 2011-2015) амалӣ гаштааст.

Натиҷаҳои таҳқиқотҳо нишон доданд, ки ҳосилнокии анбуҳи сабзи чормағзи заминӣ аз муҳлати кишт ва зичии ниҳолҳо вобастагӣ дорад. Кишти аввали моҳи июн бо зичии ниҳолҳои 116 ҳазор дар 1 га ҳосили анбуҳи сабз ба 270 с/га, воҳиди хӯрока 73 с/га ва сафедаи ҳазмшаванда ба 3,8 с/га баробар шудааст.

Натиҷаи тадқиқотҳои илмии гузаронида шуда исбот гардид, ки аз ҳар гектар замини обии кишти ангорӣ имконияти рӯёнидани 33,0 с/га ҳосили ғилофак, 20,4 с/га дон ва 9,0 с/га равғани истеъмолиро таъмин менамояд.

Диссертатсияи Бегназаров Д.Б., бешубҳа зинаи ба анҷом расидаи таҳқиқоти илмӣ ба шумор меравад. Натиҷаи таҳқиқоти илмӣ аҳамияти таҷрибавӣ ва истеҳсолӣ дорад. Тавсияҳои унвонҷӯро дар шароити заминҳои обии минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ истифода бурдан мумкин аст.

Автореферати диссертатсияи Бегназаров Д.Б. аз рӯй навгониҳои илмӣ, мазмуни илмию амалии натиҷаҳои бадастовардашуда ба Низомномаи КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯй ихтисоси 06.01.01 – зироаткории умумӣ, растанипарварӣ дар сатҳи

зарурӣ иҷро шуда муаллифи он шоистаи сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ ҷавобгӯ мебошад.

Сарходими илмии Институти
иқтисодӣ ва демографии АМИ ҶТ,
доктори илмҳои кишоварзӣ, профессор Садридинов С.

**Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
хиёбони Рӯдакӣ, 33 кӯчаи Айни 44, тел: (+992) 904510370

Имзои Садридинов С -ро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳои Институти иқтисодӣ
ва демографии АМИТ Қурбонов Э.Т.